«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
дотсент________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«____»__________________2023

Тақризи
кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси ташкилоти тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи “Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф собит месозад, ки ноҳиябандии иқтисодӣ дар рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва бунёди инфрасохтори замонавӣ нақши муҳим мебозад. Минтақаҳои ҷумҳурӣ бошанд дар дурнамои миёнамуҳлат дар ҳалли вазифаҳои стратегӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, баланд бардоштани шуғл ва даромад, таъмини устувории амнияти иҷтимоӣ, амнияти озуқаворӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар дорои аҳамияти калидӣ мебошанд.

Маълумотҳои оморӣ нобаробарии торафт афзояндаи байни минтақаҳоро дар сатҳи рушд нишон дода, фарқияти байни шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ба ҳисоби миёна: аз рӯйи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ – қариб 4 баробар, аз рӯйи индекси рушди инсон – қариб 16 %, аз рӯйи даромадҳои андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ – қариб 8 маротиба шаҳодат медиҳад. Сарфи назар аз коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, дар минтақаҳои кишвар сифати хизматрасониҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ коҳиш ёфта, сатҳи марги модару кӯдак баланд боқӣ монда, қариб 30 дарсади аҳолӣ аз норасоии музмини озуқаворӣ танқисӣ мекашанд.

Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқи амиқи муаммои рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазире, ки дар фазои хоҷагидории мамлакати мо вуҷуд доранд, ҳамчун вазифаи таъхирнопазири илмӣ боқӣ мемонад. Дар фазои хоҷагидории кишвар мавҷуд будани низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ба рақобатпазирӣ ва босуботии ҳаракати тамоми иқтисодиёти миллӣ таҳдид мекунад. Омӯзиши зуҳуроти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир табиист, ки масъалаи зарурати таҳияи усулҳо ва воситаҳои идоракунии чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазирро ба миён меорад ва ин мубрамии масъалаи илмии ба миён гузошташударо муайян мекунад.

**Навғонии илмие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудааст ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

Таркиб, сохтори кори диссертатсия ва навгониҳои илмӣ мувофиқи мақсади таҳқиқот буда, асосҳои илмии рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон: муқаррар намудани аломатҳои бунёдии ин низомҳо; ошкор намудани омилҳои боздоштани онҳо; пешниҳоди захираҳо ва таҳияи воситаҳои идоракунӣ барои рушди ин низомҳо зоҳир карда шудааст. Мақсади таҳқиқотие, ки дар диссертатсия гузошта шудааст, аз ҳисоби ҳалли вазифаҳои мутақобила ба даст оварда шуда, дар навбати худ бо хулосаи асосии кор алоқаманд карда шудааст.

Муаллиф кӯшиши таҳлили консептуалӣ ва назариявии муайян намудани консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати зоҳирнамоии тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ба харҷ додааст. Унсурҳои мушаххаси навгониҳои илмӣ, ҳамчун саҳми муаллиф дар диссертатсия ин:

1. Диссертант дар доираи таҳқиқот асоснокии ҳолатҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсиониро бо гузаронидани таҳлилҳо тасдиқ намуда, дурустии маълумотҳоро бо ҳаҷми муайяни маводи таҳқиқотӣ, таҳлили омории натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри корҳои илмӣ тақвият додааст.

2. Унвонҷӯ ба масъалаҳои омӯзиши рушди ҳудудии кишвар, навъбандии низомҳо ва минтақаҳои иқтисодӣ, инчунин иқтисодиёти трансформатсионӣ ва аз ҷумла оид ба минтақаҳои осебпазир дар адабиёти муосири иқтисодӣ, механизми дохилии хусусияти проблемавӣ ва осебпазир доштани чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи иқтидори онҳо ҷиҳати ноил шудан ба тамоюли рушди босубот бевосита таваҷҷӯҳ намудааст. Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон дод, ки масалаҳои умумии назариявӣ ва методологии идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар осори илмии Ҷ.Арриги, Саидмуродов Л.Ҳ,, Раҳимзода Шариф, А.Ворус, А.Ермоленко, С.Глазев, Р.Каплан ва дигарон дида баромада шудааст.

3. Муаллиф шарҳи гуногуни мафҳуми «минтақаи осебпазир» ё худ «депрессивӣ»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, асоснок намудааст, ки чунин минтақа минтақае ҳисобида мешавад, ки дар марҳилаи нисбатан паст қарор дорад, ки дар он сатҳи пасти истеҳсолот, бахусус саноат, сатҳи баланди бекорӣ ва муҳоҷират, ҷаззобияти пасти сармоягузории ватанию хориҷӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи муаллиф яке аз хусусиятҳои минтақаҳои осебпазир ғайрисамаранок истифода кардани имконоти мавҷуда мебошад. Аз ҷумлаи чунин имконот ҷойгиршавии минтақа дар назди сарҳад ва минтақаҳое, ки дар он минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷой дода шудаанд.

4. Диссертант зарурати таҳияи усули консептуалии идоракунии стратегии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирро пеш оварда, дар он пайдарҳамӣ ва иртиботи мутақобилаи субъект ва объекти идоракунӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушд, нақши василаҳо ва институтҳои махсуси идоракунӣ, барои ба назар гирифтани хусусиятҳои равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро калидӣ арзёбӣ намудааст.

5. Сафаров А.М. омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии табдилдиҳии минтақаҳои бухронӣ ба минтақаҳои сердаромадро муҳим ҳисобида, самти асосии стратегияи рафъи депрессияро таҳдиди сохтори инноватсионӣ ва сармоягузории иқтисодиёт дар асоси равиши мақсадноки барномавӣ маҳсуб донистааст.

6. Диссертант ҷиҳати рафъи мушкилоти сатҳи минтақавӣ барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳо ва омилҳои идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи устуворро афзал дониста, инчунин дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳо, ифшо карда шудани василаҳои идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи бухронӣ бо тасниф карда шудани воситаҳои маъмурӣ, ташкили иқтисодӣ ва молиявӣ зарур ҳисобида, барои дарҷ ва истифодаи самараноки манбаъҳои ғайримарказонидашудаи захираҳо барои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир мусоидаткунанда таҳлилҳо гузаронидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумиэътирофшудаи таҳлили илмӣ ва коркарди омории маълумотҳо, нашри маводҳои таҳқиқотӣ дар маҷалаҳои илмии иқтибосшаванда, баромадҳо ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ таъмин карда мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифшо гардида**

Хулоса ва тавсияҳо аз таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқотҳои назариявию озмоиши асос гирифтаанд. Аломатҳои низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир, ки муаллиф муайян кардааст, захираҳои асосии ҷоннокнамоӣ ва воситаҳои фаъолгардонии инкишофи низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир, ки дар кор пешниҳод шудаанд, дар фаъолияти мақомоти идоракунии ҳудудӣ, инчунин дар раванди таълими «Идораи лоиҳаҳо» ва «Идоракунии давлатию маҳаллӣ» шуъбаи магистратураи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода мешаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 171 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 22 ҷадвал ва 26 расм мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодагардида фарогири 129 номгӯй мебошад.

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи муаммоҳои идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир"** ва ҷанбаҳои назариявии таҳлили муаммоҳои идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир, моҳияти осебпазирӣ, минтақаи осебпазир ва минтақаи иқтисодӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Мушкилотҳои асосии таъминоти захиравии минтақаҳои осебпазир, усулҳои асосии идоракунӣ дар минтақаҳои осебпазир, роҳҳои ҷонноксозии рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва нақши барномаҳои рушди миёнамӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ дида баромада шуда, банизом дароварда шудааст.

Инчунин муаллиф омӯзиши баъзе ҷанбаҳои назариявии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун воситаи инноватсионии идоракунии

минтақаҳои осебпазирро таҳлили назариявӣ намуда, таҷрибаи як қатор давлатҳои рушдёфтаи хориҷиро дар таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рушди онҳо, хусусиятҳои идоракунӣ, таъсири минтақа ба дигар қувваҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст (саҳ. 37).

Бояд қайд намуд, ки диссертант оид ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун воситаи инноватсионии идоракунии минтақаҳои осебпазир таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ ва байналмилалиеро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки аз рӯи рушди иқтисодӣ, муҳит, хусусияти инкишоф, системаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, осебпазирии соҳаҳои алоҳида ва аз ҳама муҳим характери идоракунӣ куллан аз Тоҷикистон тафовут доранд.

**Дар боби дуввум "Асосҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар низомҳои осебпазири минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон",** мушоҳидаи омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи осебпазир, хусусан шохиси маҷмӯии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳо ва воситаҳои идоракунии низоми иқтисодии ноҳияҳои Қубодиён, Панҷ, Дӯстӣ, Фархор, Ҷайҳун, Ҳамадонӣ, Шаҳритуз ва Ш.Шоҳин ба роҳ монда шудааст. Инчунин дар ноҳияҳои зикргардида вазъи идоракунии соҳаҳои нақлиёт, алоқа, ҳолати демографӣ, шумораи аҳолии қобили меҳнат, барқтаъминкунӣ, обтаъминкунӣ, идораи роҳ ва пулу қубурҳо аз тарафи муаллиф ба риштаи таҳлил кашида шудааст, ки ин вазъи осебпазирии соҳаҳои гуногуни минтақаро метавонад равшан намояд.

Диссертант дар доираи хусусиятҳои шаклҳои ташкилии идоракунӣ дар минтақаи ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсиши иҷтимоии хонаводаҳо, дороии хонаводаҳо, шуғли хонаводаҳо,бекорӣ дар хонаводаҳо, омилҳои таъсиррасон ба шуғли хонаводаҳо, соҳибкорӣ дар хонаводаҳо, тиҷорати оилавӣ, ангезаҳои ташкили тиҷорат, шароити зисту зиндагӣ ва қаноатмандии хонаводаҳо аз он, таъминоти ғизоӣ, зерсохтори иҷтимоӣ дар деҳа, хароҷоти хонаводаҳо, аз он ҷумла савдои наздисарҳадӣ ва таъсири он дар некӯаҳволии гурӯҳи осебпазири аҳолиро амалӣ намудааст. Дар натиҷаи пурсиши иҷтимоӣ муаллиф даромади хонаводаҳоро вобаста ба ноҳия, хусусияти ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавии он ба ҳисоби миёна муайян намудааст (саҳ.90). Инчунин хароҷоти хонаводаҳо бошад дар натиҷаи пурсиш ба ҳисоби миёна барои хариди озуқаворӣ то 63% даромад муайян гардида, дигар хароҷотҳо дар ноҳияҳо гуногун арзёбӣ гардидааст (сах.92). Муаллиф таҳлили нақш ва аҳамияти МОИ барои таҳкими вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои осебпазир ба роҳ монда, саҳми МОИ дар таҳкими сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат, татбиқи барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, стратегияҳои сатҳи гуногуни рушди иқтисодӣ арзёбӣ намудааст. Қайд намудааст, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 82 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аксари онҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» - 29, «Данғара» - 29, «Панҷ» - 12 ва «Ишкошим» - 5 адад ва Кулоб- 7 адад мебошанд. Дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо ба 486 миллион сомонӣ расид. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии

кишвар дар соли 2022 маблағи 216 миллион сомониро ташкил дод. Дар ҳоли ҳозир дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ҳамагӣ 1365 нафар кормандон кор мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 495 нафари онҳо дар МОИ «Данғара», 945 нафар дар МОИ «Суғд», 55 нафар дар МОИ «Панҷ» ва 25 нафар дар МОИ «Ишкошим» ва дар МОИ кулоб 329 нафар бошад фаъолият доранд (саҳ. 94-95).

**Дар боби сеюм “Самтҳои асосии такмил додани идоракунии системаи иҷтимоию иқтисодии осебпазир”** ва рушди МОИ ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи осебпазирии системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мавриди талилу тавсия қарор дода шудааст. Муаллиф дар ин зербоб мақсади ташкили МОИ, нишондиҳандаҳои рушди минтақа, принсипҳои ташкил, низоми қонунгузорӣ ва консепсияҳо, самаранокии иқтисодии МОИ дар мамлакатро баррасӣ намудааст. Инчунин мушкилотҳои асосии МИО мушаххас асоснок карда шуда, механизмҳои ҳалли он пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф ташкили МОИ-и махсус, принсипҳои асосии таъсис ва роҳандозии фаъолияти он дар минтақаи осебпазир яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар минтақа мебошад. Ҷиҳати такмили усулҳо ва василаҳои рушди барномавии низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон диссертант як қатор тавсияву пешниҳодҳо пешбарӣ намудааст, ки метавонанд аз ҷониби мақомотҳои дахлдор ҳангоми таҳияи барномаҳои миёнамӯҳлати рушди иҷтимоии ноҳияҳои наздисарҳадӣ истифода гарданд. Дар ин боб муаллиф ба такмили василаҳои идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир таваҷҷӯҳ намуда, ҳолати савдои наздисарҳадӣ ва тафовути идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи устувор ва осебпазирро саҳеҳ равшан намудааст.

**Дар баробари афзалиятҳои метавон як қатор камбудиҳои корро ифшо намуд:**

1. Зербоби 1.2. ба омӯзиши баъзе ҷанбаҳои назариявии таъсиси МОИ равона карда шудааст. Аммо хуб мешуд, ки ҷанбаҳои назариявии таъсиси МОИ аз нуқтаи назари осебпазирӣ омӯхта шуда, механизмҳои илмии он мушаххас гардонида мешуданд.

2. Дар зербоби 2.1. омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи осебпазирӣ дар як қатор ноҳияҳои наздисарҳадӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Барои беҳтар гардидани сифати зербоб хуб мешуд омилҳо ва воситаҳои идоракунӣ ба низом дароврада шуда, омилҳои осебпазири калидӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии бештар ваъи иҷтимоӣ-иқтисодияшон танг таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

3. Зербоби 2.2. хусусиятҳои шаклҳои ташкилии идоракунӣ дар минтақаи ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин зербоб пурсиши иҷтимоӣ гузаронида шудааст, лекин хусусиятҳои ташкилии идоракунӣ ва мушкилотҳои дар натиҷаи пурсиш ба дастомада мушаххас ба низом дароврада нашудааст.

4. Боби 3 “Самтҳои асосии такмил додани идоракунии системаи иҷтимоию иқтисодии осебпазир” ва банди 1-ум бошад Рушди МОИ ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи осебпазирии системаҳои иҷтимоию

иқтисодӣ муайян гардидааст. Аммо на ҳамаи ноҳияҳои наздисарҳадӣ МОИ мебошанд. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки банд 3.1. ба такмил додани идоракунии системаи иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ равона карда мешуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Натиҷаҳои асосии назариявии таҳқиқотро метавон барои таҳияи назарияи иқтисоди минтақавӣ, назарияи идораи ҳудудӣ, назарияи идоракунии стратегӣ ва назарияи навсозӣ истифода бурд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқотро барои такмили мазмун, сохтор ва методикаи таълими фанҳои таҳсилоти олӣ: «Иқтисоди минтақаҳо», «Идораи стратегӣ», «Идоракунии ҳудудҳо», инчунин курси махсус барои ҷоннок намудани рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар кор оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи стратегия ва воситаҳои рушди маҳаллисозии инфрасохтори минтақавӣ, ташаккул ва татбиқи барномаҳои ҳудудии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои махсуси минтақавӣ, ки ба эҳтиёҷоти инфрасохтор нигаронида шудаанд, инчунин бо мақсади мукаммалгардонии муҳтаво ва сохтори сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода шаванд.

Натиҷаи таҳқиқот метавонад ба вазорату идораҳои мувофиқ барои коркарди стратегияҳои соҳавии таъмини иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ ва ғ. тавсия карда шаванд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ва дар 1 монографияи илмӣ дар мавзуи «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли инноватсионии ҳалли масъалаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ (аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ)» нашр гардидаанд, ки ҳаҷми умумии интишорот вобаста ба мавзуи таҳқиқот 7 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Мувофиқати батасвибрасонии диссертатсия ба талаботҳои комиссия**

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи "Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мустақилона ва пурра дар сатҳи баланди назариявӣ ва методолгии таҳқиқоти рӯзмарраи мушкилот илмӣ-такмилдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сомон расонида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 -

Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад. **Дар банди 10.2.** Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмилалӣ ва ташаккули ҷомеаи информатсионӣ ва ғ. **Дар банди 10.5.** Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес. **Дар банди 10.16.** Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии (депрессивный) иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). Омилҳо ва фишангҳои идоракунӣ дар низоми иҷтимоӣ иқтисодии депресивӣ ва боздошти равандҳои таназули иҷтимоӣ-иқтисодии (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Самтҳои паст кардани сатҳи депрессия дар низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

Кори диссертатсионии ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Замимаи 2-юми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба “Тартиби дарёфти дараҷаи илмӣ” №267 аз 30 июни соли 2021 мутобиқ мебошад.

**Хулоса.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи “Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасонидашуда маҳсуб мегардад.

Автореферат мазмуни асосии тахдикиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд.

Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ҷавобгӯ буда ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

Такризро омода намуд н.и.и., дотсент, Неъматов Илҳомидин Усмонович. Дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти ДДМИТ муҳокима карда шуд. Суратмаҷлиси кафедра № 10, аз 26 майи соли 2023

Роҳбари ҷаласа:
Мудири кафедраи менеҷменти
Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Неъматов И.У.

Котиби ҷаласа: Орипова М.

Лоиҳаи тақризро тайёр намуд:
н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи менеҷменти
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Ҳамидов А.Х.

Имзои “Неъматов И.У., Ҳамидов А.Х. ва Орипова М.”-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғаи донишгоҳ:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067,
ш.Душанбе, к. Нахимов 64\14
Саҳифаи интернетӣ: www.tgfeu.tj
Телефон: (+992) 2310201
(Факс): (+992) 2310201
E-mail: tgfeu.tj@tgfeu